**ЗАМИМАИ №5**
**ба Стандарт оид ба гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ**

# ДАСТУРАМАЛ
## оид ба омода намудани нақша ва барномаи аудит
## Роҳнамо-3103

1.1. Дастурамал оид ба омода намудани нақша ва барномаи аудит (минбаъд Дастурамал) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон", Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, СПҲ -100 Дастурамал оид ба асосҳои таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоб, СПҲ 300 Стандарти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ, Стратегияи рушди Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 - 2023, Стандартҳои байналмилалии мақоми олии аудит ISSAI-100 Принсипҳои асосии аудити бахши давлатӣ, ISSAI-300 Принсипҳои аудити самаранокӣ ISSAI-3000 Стандартҳои аудити самаранокӣ, ISSAI-3910 Консепсияҳои марказии аудити самаранокӣ, ISSAI-3920 Раванди аудити самаранокӣ, Роҳнамои ширкати байналмилалии машваратии CIPFA (Британияи Кабир) "Оид ба аудити самаранокӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

**1.2.** Дастурамали мазкур марҳилаи ҷамъбастии давраи банақшагириро дар бар гирифта, мақсади он омӯхтани ҷанбаъҳои фаъолияти объектҳои аудит, ки бояд мавриди аудит қарор дода шаванд, таъмин намудани омодасозии босамари анҷомдиҳии аудити самаранокӣ бо роҳи муайян намудани миқёс, муҳлат ва захираҳои барои гузаронидани аудит зарурӣ мебошад.

**1.3.** Тартиб додани нақшаи аудит, инчунин муайян намудани буҷети гузаронидани аудитро якҷоя бо нақша –ҷадвали гузаронидани аудит, аз ҷумла муайян намудани талабот нисбат ба ҳайати гурӯҳи аудиторонро пешбинӣ менамояд.

1.4 Барномаи аудит бояд амиқ, фаҳмо, мантиқӣ ва то қадри кофӣ тағйирпазир бошад, инчунин аз ҷиҳати мутобиқатии натиҷаҳои эҳтимолии аудит ба захираҳои барои гузаронидани он зарур

пурсамар бошад. Ғайр аз ин ба барномаи аудит сметаи хароҷотии молиявӣ ва меҳнатии дақиқ замима шуданаш мумкин аст, ки барои гузаронидани аудити мазкур зарур мебошанд. Барномаи аудит бояд то қадри имкон муфассал бошад, то ин ки эҳтимолияти хатоҳо ё мухолифати имконпазирро кам кунад.

## ШАРҲИ УМУМӢ

Таҳия намудани нақша ва барномаи аудит - қисми хеле муҳими ҷараёни аудити самаранокӣ буда, марҳилаи хотимавии давраи банақшагирӣ ба ҳисоб меравад. Дар давоми он ҳама масъалаҳои ба давраҳои омодасозии нақшаю барномаҳои аудит дахлдорро шарҳ хоҳем дод.

Махсусан қайд намудан лозим аст, ки мазмуни он дар асоси таҷрибаи пешқадами кишварҳои пешрафта, ки аудити самаранокиро анҷом медиҳанд, таҳия карда шудааст, бинобар он, истифодаи муқаррароти алоҳидаи он дар шароити баъзе мақоми олии аудит шояд ғайриимкон бошад.

## МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

**Нақшаи стратегӣ -** нақшаи маҷмӯиро дар бар мегирад, ки он барои таъмин намудани амалисозии вазифаҳои дар назди Палатаиҳисоб гузошташуда ва ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда барои ояндаи дарозмуддат (3-5 сол) пешбинӣ гардидааст.

**Нақшаи фаврӣ (ҷорӣ) -** нақшаи мушаххасгардондашудаи фаъолияти Палатаи ҳисоб оид ба тақсим намудани захираҳои мавҷуда барои ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда, ки барои муҳлати ҷорӣ (одатан як сол) омода шудааст, дар бар мегирад.

**Нақшаи аудит -** ҳуҷҷатест, ки самтҳои асосии томияти ҷараёни аудитро бо мақсади ноил гардидан ба мақсадҳои аудит бо усули нисбатан самаранок ва натиҷанок муайян мекунад.

**Барномаи аудит -** нақшаи муфассале мебошад, ки дар он расмиёти мушаххаси гузарондани аудит дар ҳар як соҳаи алоҳидаи таҳти аудит қароргирифта қайд гардидаанд.

### 1. Таҳия намудани нақшаи аудит

Бояд қайд кард, ки ҳангоми пайдо шудани зарурати иҷрои ин ё он амал одатан аввал нақша таҳия карда мешавад, сарфи назар аз он, ки ин нақша умумӣ мебошад ё ба таври муфассал таҳияшуда. Аудит низ чунин мебошад.

Барои фаҳмонда додани аҳамияти нақшаи аудит мо бояд аввал ба саволҳои зерин ҷавоб гардонем:

- вазифаи асосии банақшагирӣ чист?
- бидуни банақшагирӣ чӣ ҳодиса рӯй доданаш мумкин аст?

Мақсади банақшагирӣ сохтани қолиби таҳияи аудит ё асосҳои ҷараёни анҷомдиҳии он мебошад.

Агар нақша мавҷуд набошад, шояд чунин ҳодиса рӯй диҳад, ки рафти аудит нодуруст сурат гирад, масъалаҳои муҳим аз назар пинҳон монанд, маҳсулнокии кори аудиторонро арзёбӣ намудан ғайриимкон ё мушкил гардад, ки дар навбати худ он боиси харҷи бесамару барзиёди захираҳои моддӣ ва вақт гардад. Вақте мо аз мақсади банақшагирӣ огоҳем, муҳим будани нақшаи аудитро дарк намудан бароямон осон мегардад.

Мақсади асосии банақшагирии аудит муайян намудани мушкилоту масъалаҳои асосӣ, таъмин намудани иҷрои саривақтии корҳо мебошад. Банақшагирӣ барои тақсим намудани корҳо дар байни аудиторони шомили гурӯҳи аудиторон ва ҳамоҳангсозии амалҳои онҳо ёрӣ мерасонад.

Ҳаҷми вақти барои тартиб додани нақша зарур ба мураккабии ташкилоти таҳти аудит қарордошта мақсади аудит ва донишу малакаҳои аудиторон вобаста мебошад.

Ҳангоми банақшагирии аудити самаранокӣ мавзӯъ ва объектҳои нисбатан муҳимро бо назардошти вазифаҳои дар назди Палатаи ҳисоб гузошташуда ва мавҷудияти шароит барои иҷро намудани онҳо интихоб намудан лозим аст. Бинобар ин, ҷараёни банақшагирии аудити самаранокӣ бояд ду марҳилаи пай дар пай - банақшагирии стратегӣ ва ҷориро (солонаро) дар бар гирад.

***2. Банақшагирии дурнамо***

**Нақшаи стратегӣ** нақшаи маҷмӯиест, ки барои таъмин намудани амалисозии вазифаҳои дар назди Палатаи ҳисоб гузошташуда ва ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда барои ояндаи дарозмуддат (3-5 сол) пешбинӣ гардидааст.

Мувофиқи стандарти кории ИНТОСАИ, Палатаи ҳисоб бояд дар навбати аввал аудитҳои пешбининамудаи қонунро анҷом диҳад, пайдарпайии чорабиниҳои боқимондаи тафтишотӣ дар доираи ваколатҳои худи онҳо мустақилона аз ҷониби худи онҳо муқаррар карда мешавад.

Якчанд мулоҳизаи асосии ба дурнамо вобаста бояд содаю фаҳмо бошанд ва аз ҷониби роҳбарияти Палатаи ҳисоб қабул карда шаванд, ки ин хеле муҳим аст. Пеш аз ҳама дурнамо аксар вақт аз ҷониби

роҳбарияти Палатаи ҳисоб ифода меёбад ва таҳия карда мешавад, лекин амалигардонии он иштироки ҳама сатҳҳои идоракуниро пешбинӣ менамояд. Нақшаи дурнамо бояд ба тадқиқоти васеъ ва маълумоти воқеӣ асос ёбад. Барои анҷом додани фаъолияти самаранок дар шароити ҳозира, Палатаи ҳисоб бояд ҳамеша бо ҷамъоварӣ ва таҳлили миқдори зиёди маълумот машғул бошад.

Оқибат нақшаи дурнамо бояд тавре таҳия карда шавад, ки на танҳо дар давоми даврахои зиёд томияти худро нигоҳ дорад, балки боз тағйирёбанда бошад, ин ки ҳангоми зарурат навсозӣ ва тағйири тамоюли онро анҷом додан мумкин бошад.

Барои ба даст овардани муваффақияти дурнамои таҳиягардида фаъолона истифода бурдани иқтидори зеҳнии Палатаи ҳисоб муҳим мебошад. Барои мақомоти давлатии идоракунӣ, ғайр аз истифодаи иқтидори зеҳнии кормандон, истифодаи иқтидори коршиносон, илм, истифодаи махзани маълумот, инчунин таҷрибаи мақомоти ба ин монанди хориҷӣ шуда метавонад.

Дар марҳилаи банақшагирии дурнамо амалҳои зерин иҷро карда мешаванд:

- нақшаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддати ҳукумат оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар баррасӣ карда мешаванд;

- ҳаҷми маблағгузорӣ ва захираҳои дигар, аз ҷумла ҳайати корӣ, таҷҳизот барои дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуддат дида баромада мешавад;

- вазифаҳои афзалиятноки Палатаи ҳисоб оид ба гузарондани аудитҳо бароиояндаи миёнамуҳлат муайян карда мешаванд;

- дар асоси онҳо нақшаи дурнамо таҳия мегардад (масалан барои 5 сол бо тақсим намудани он ба солҳои алоҳида), ки он объектҳо ва самтҳои асосии фаъолиятро, ки бояд назорат шаванд, муайян менамояд.

***Банақшагирии фаврӣ (ҷорӣ)*** – механизми қабул намудани қарор оид ба тақсимоти захираҳои Палатаи ҳисоб бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ мебошад. Чунин банақшагирӣ давраи кӯтоҳмуддатро дар бар гирифта, ҳамчун мавзӯи ташвишҳои бандҳои байнӣ ва поёнии идоракунӣ амал менамояд. Банақшагирии фаврӣ тартиб додани нақшаҳои кӯтоҳмуддатро дар бар мегирад. Дар марҳилаи банақшагирии фаврӣ вазифаҳои ҷории фаъолияти сохторҳо, раёсатҳо ва шуъбаҳои алоҳида муайян карда мешаванд, таъсиррасонии гуногуни ташкилию идоракунӣ барои беҳтар намудани ҷараёни иҷрои корҳо сурат мегирад.

Агар банақшагирии дохилӣ дуруст ба роҳ монда шуда бошад, он натиҷаҳои хуб медиҳад. Пас аз муайян намудани ҷузъҳои таркибии ҷараёни банақшагирӣ шахсони барои ин амал масъул пайдарпайии

амалҳоро дар бораи банақшагирӣ муқаррар менамоянд. Барои ба даст овардани натиҷаҳои фаврӣ ва мушаххас вазифаи кормандоне, ки банақшагириро анҷом медиҳанд, коҳиш додани хароҷот, дар асоси нақша босамар истифода бурдани захираҳои мавҷуда мебошад.

**Мақсади асосии банақшагирии фаврӣ** – таъмин намудани кори муназзам ва муттасили ташкилот ҳам аз ҷиҳати вақт ва ҳам аз ҷиҳати зерсохторҳои он мебошад. Ташкилот чӣ қадаре калон бошад, банақшагирии фаъолияти он бо назардошти информатикаи муосир, компютерҳо ва усулҳои тарҳсозӣ бояд то ҳамон андоза ҳаматарафа ва амиқ бошад.

Агар мазмуну пайдарпайии чараёни банақшагирӣ муайян шуда бошанд, тартиб додани ҷадвалҳои ифодакунандаи ҷараёни банақшагирӣ бо муттасилии тақвимӣ (диаграмма, ҷадвал, нақшаҳо ва ғайра) муҳим мебошад. Чунин тарҳҳо барои беҳтар шарҳ додани ҷараёни банақшагирӣ, таснифоти он ва тақсим намудани марҳилаҳои ҷараён аз рӯи фаслҳои гуногуни сол, ташкил намудани раванди назорати иҷрои ҳар як марҳилаи ҷараёни банақшагирӣ кумак мерасонанд.

Мувофиқи ҷадвалҳои банақшагирии муттаасил амалиёти муайяншуда дар хусуси банақшагирӣ (масалан, тартиб додани нақшаи гузарондани аудити самаранокӣ) мунтазам, ҳар сол, тахминан дар як вақт амалӣ мегарданд. Лекин, агар ҳангоми иҷрои нақшаҳо аз он дур шудан ошкор карда шавад, дар чунин сурат, онҳо бояд аз сари нав баррасӣ гарданд. Шакли аз ҳама маъмули банақшагирии фаврӣ тартиб додани нақшаи солонаи фаъолияти ташкилот мебошад.

**Нақшаи солонаи ташкилот** – барномаи пешгӯишаванда ва омодашудаи фаъолияти Палатаи ҳисоб барои муҳлати ҷорӣ (дурнамо) мебошад.

Чӣ тавре ки қайд намудем, дар асоси нақшаи дурнамо банақшагирии ҷорӣ анҷом дода мешавад ва он тартиб додани нақшаи солонаи гузарондани аудити самаранокиро дар бар гирифта, иборат аст аз:

- интихоби мавзӯъ ва объектҳои мушаххаси аудити самаранокӣ бо мақсади ворид намудани онҳо ба нақшаи кории Палатаи ҳисоб барои соли навбатӣ бо асосноккунии мақсадҳои пешакии аудит ва арзёбии натиҷаҳои эҳтимолии онҳо аз ҷиҳати афзун намудани самараи истифодаи маблағи давлатӣ;
- муайян намудани эҳтиёҷот ба захираҳо барои гузарондани аудитҳо, инчунин тартиб лодани нақшаи гузарондани онҳо;
- омода намудани барномаҳо оид ба гузарондани аудит дар асоси омӯзиши пешакии объектҳо.

Қайд кардан лозим аст, ки банақшагирии аудит аҳамияти калон дорад ва мувофиқи стандарти INTOSAI ҳатмӣ мебошад.

### 3. Мазмуни нақшаи аудити самаранокӣ

Пас аз ба итмом расондани омӯзиши пешакии объект, муайян намудани мақсад, миқёс, меъёру усулҳои гузарондани аудит, нақшаи муфассали гузарондани он тартиб дода мешавад.

- нақшаи гузарондани аудити самаранокӣ аз ҷониби роҳбари Палатаи ҳисоб тасдиқ карда мешавад.

- ҳайати шахсии гурӯҳи назоратӣ дар асоси шумораи дар нақшаи назоратӣ тасдиқгардида одатан аз ҷониби роҳбари дастгоҳи Палатаи ҳисоб дар мувофиқа бо узви Палатаи ҳисоб, ки барои назорат намудан масъул аст, муайян карда мешавад.

**Мақсади банақшагирии аудити самаранокӣ** – омӯхтани ҷиҳатҳои фаъолияти объекти аудит, ки бояд таҳти аудит қарор дода шаванд, таъмин намудани омодагии пурсамар барои гузарондани аудити самаранокӣ бо роҳи муайян намудани миқёс, муҳлат ва захираҳои зарур, тартиб додани нақша ва таҳияи барномаи аудит мебошад.

Банақшагирӣ яке аз марҳилаҳои муҳим ва мушкили аудити самаранокӣ буда, аз ҷараёни иҷро намудани як қатор амалҳои пайи ҳам ва ба ҳам алоқаманд иборат мебошад, қи ҳар сол дар доираи самтҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб иҷро мегардад ва интихоби мавзӯъ, объектҳои аудит, омӯзиш пешакии объектҳои аудит, омодасозии барномаи гузарондани аудитро дар бар мегирад.

Асоси банақшагирии аудити самаранокӣ нақшаи кории Палатаи ҳисоб ба ҳисоб меравад (ҳам нақшаи дурнамо ва ҳам солона), ки аз ҷониби роҳбарияти Палатаи ҳисоб тасдиқ карда шудааст. Роҳбарии бевоситаи банақшагириро узви Палатаи ҳисоб, ки барои самти дахлдори аудит масъул аст, ба уҳда дорад.

Банақшагирӣ марҳилаи ибтидоии аудит буда, аз давраҳои ба ҳам алоқаманд иборат аст: интихоби мавзӯъ ва объекти аудит, омӯзиши пешакии мавзӯъ ва объекти аудит, тартиб додани нақша ва таҳияи барномаи аудит.

Мувофиқи муқаррароти Стандарти кории ИНТОСАИ аудитор бояд дар ҷараёни бақайдгирӣ қоидаҳои зеринро ба роҳбарӣ гирад:

Аудитор бояд аудитро тавре ба нақша гирад, ки сифати дахлдор, сарфанокӣ, маҳсулнокӣ, натиҷанокӣ ва саривақтӣ будани онро таъмин карда тавонад.

Дар давраи банақшагирӣ ва омодасозии аудитҳо аудитор уҳдадор аст, ки:

- ҷанбаҳои муҳимтарини самти фаъолияти объекти аудитро муайян намояд;

- алоқамандии масъалаҳои ҳисоботро дарк ва муайян кунад;

- шакли хулосаю натиҷаҳои ҳисоботу маърӯзаҳо, инчунин истифодабарандагони эҳтимолиии онро муайян кунад;

- мақсади аудит ва усулҳои барои гузарондани он зарурро муайян кунад;

- низоми асосии идоракуниро муайян намуда, арзёбии пешакии онро бо мақсади ошкор намудани тарафҳои қавӣ ва сусти он анҷом диҳад;

- аҳамияти масъалаҳои баррасишавандаро муайян кунад;

- низоми назорати дохилии объекти аудит ва барномаи кории онро таҳти аудит қарор диҳад;

- сатҳи боввариро нисбат ба аудиторони дигар муайян кунад, масалан, нисбат ба аудити дохилӣ;

- муносибати аз ҳама босамар ва мақсаднок нисбат ба гузарондани аудитро муайян кунад;

- аудитии андешидани чораҳои зарурӣро аз рӯи натиҷаи аудитҳои пешина, эроду тавсияҳо таъмин намояд;

- мавҷудияти ҳуҷҷатҳои дахлдор ва нақшаи гузарондани ҳар як аудити мушаххасро таъмин кунад.

Ҳангоми банақшагирии аудит хуб мешуд, агар нуқтаи назари роҳбарони дахлдор оид ба омилҳое, ки барои бомуваффақият амалӣ намудани соҳаи фаъолият ё кори таҳти аудит қароргирифтаи ташкилот аҳамияти калон доранд, аниқ карда шаванд. Ғайр аз ин, сарчашмаҳои муайян намудани меъёрҳои арзёбии самаранокиро, ки дар доираи аудити мазкур истифода бурдани онҳо мувофиқи мақсад мебошад, инчунин хавфу мушкилоти вобаста ба кор, ки роҳбаронро ба ташвиш меорад, баррасӣ намудан лозим аст.

Дар шакли классикӣ ҳангоми тартиб додани нақшаи аудит омилҳои зеринро ба назар гирифтан лозим аст:

- шароити кор ва санаи чашмдошти пешниҳод намудани ҳисобот оид ба натиҷаҳои аудит;

- хусусияти фаъолияти ташкилоти таҳти аудит қарордошта, аз ҷумла заминаи меъёрии қонунгузории фаъолияти он;

- таҷрибаи гузарондани аудитҳои пешина дар соҳаи мазкур;

- вазъи назорати дохилии ташкилоти таҳти аудит қарордошта;

- аҳамияти аудити гузарондашаванда ва хавфҳои имконпазир;

- иштироки коршиносони ҷалбшаванда ва мутахассисони дигар, ки дорои донишу малакаҳои дахлдор мебошанд;

- сатҳи салоҳиятнокӣ ва таҷрибаи аудиторон.

Чӣ тавре ки қаблан қайд карда шуд, муайян намудани мақсаду миқёси аудит ҷузъҳои муҳими аудити самаранокӣ мебошанд. Онҳо ба марҳилаҳои боқимондаи аудит таъсири калон расонда, ба аудитор ҳангоми қабул намудани қарорҳои муҳим ҳамчун роҳнамо хизмат мерасонанд.

Азбаски мазмуни нақшаи аудит барои таҳия намудани барномаи аудит бояд хеле батафсил бошад, он ба дараҷаи мураккабии ташкилоти таҳти аудит қарордошта, мақсади аудит, усули хоси аз ҷониби аудиторон истифодашаванда вобаста мебошад.

Барои муайян намудани вобастагии аудит ва чунин ҷузъиёти муҳим хусусиятҳои муҳимтарини онҳоро ёдрас мекунем:

**Мақсади аудит** – муайянкунии амиқу якмаъноии амалҳо ё вазифаҳои барои ба даст овардани натиҷаҳои мушаххас равонагардида мебошад, ки имконияти натиҷаю хулосабарориро оид ба сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокии хароҷоти маблағҳои давлатӣ фароҳам меоранд.

Мақсади аудит бояд дар нақшаи аудит муайян карда шавад ва ба омилҳои зерин равона гардад:

- ҷанбаҳои танқидии аудит;
- гузарондани аудити самаранокӣ (сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокӣ);
- ба даст овардани далелҳои кофӣ, боэътимод ва беғаразиі дастгирии тавсияҳои дар натиҷаи гузарондани аудит ҳосилшуда;
- кафолати ноилшавӣ ба мақсади аудит.

Ҳамин тариқ, ҳар як аудит бояд барои ноил гардидан ба мақсади амиқу равшан кӯшиш кунад, инчунин вазифаҳои мушаххасро иҷро намояд, ки дар асоси онҳо хулосаҳои дахлдор баровардан мумкин аст. Нақшаи аудит бояд инчунин номгӯи объектҳоеро дар бар гирад, ки миқёси онро муайян менамоянд. Аён аст, ки зиёд шудани миқёси аудит аз сари нав баррасӣ намудани мақсадҳои аудитро талаб мекунад. Дар бораи ҳар гуна баррасии ҳаҷми аудит бояд сари вақт аз ҷониби ташкилоти аудитшаванда хабар дода шуда, дар ҳуҷҷатҳои аудит қайд гардад.

Ҳангоми аудити самаранокӣ аудиторон фаъолияти ташкилотро дар асоси «интизороти» оид ба фаъолияти мазкур пешакӣ муқарраргардида, яъне дар асоси меъёрҳои муайяншуда арзёбӣ менамоянд.

**Меъёрҳои аудит -** стандарти асоснок, амиқ ва иҷрошаванда ё нишондиҳандаҳои андозагирии самаранокӣ, натиҷанокӣ, таъсирнокӣ ва сарфанокии амалисозии чораёни идоракунӣ ва харҷи маблағи давлатӣ аз ҷониби соҳаи буҷет ё объекти атаҳти аудит қарордоштаро дар бар мегирад.

Барои он ки меъёрҳо қобили қабул ва оқилона бошанд, онҳо бояд дорои як қатор хусусиятҳо бошанд, ба монанди боэътимодӣ, воқеият, фоиданокӣ, фаҳмо будан, қиёспазирӣ, пуррагӣ, дастрасӣ, андозашавандагӣ, мушаххасӣ, корошямӣ, қобили қабул будан, инчунин мувофиқат бо мақсаду хусусиятҳои фаъолияти ташкилоти таҳти аудит қарордошта. Муайян намудани меъёрҳо барои аудитор зарур аст. Аудиторон бояд бо сарчашмаҳое, ки барои муайян намудани меъёрҳои аудит ҳамчун асос хизмат мерасонанд, шинос шаванд, масалан, ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва буҷетӣ, расмиёт, стандарт, фаъолияти пешина, адабиёт оид ба масъала, мусоҳиба ва муқоисакунӣ бо ташкилотҳои ба ин монанд ва ғайра.

То марҳилаи мазкур аллакай меъёрҳои дахлдор муқаррар карда шудаанд, ки онҳо барои арзёбии самаранокии истифодаи маблағи давлатӣ кор бурда шуда, барои хулосаю натиҷаҳои аудити мазкур асос мегарданд.

Ҳангоми банақшагирии аудит роҳбарони аудит бояд дар рӯ ба рӯи ҳар як меъёр дарҷ намудани воситаҳои барои ҷамъоварии далелҳои зарур мувофиқро таъмин намоянд. Роҳбари аудит низ бояд хароҷоти ба ҷамъоварии далелҳо вобастаро дида барояд, то ин ки аз ҷиҳати иқтисодӣ мувофиқи мақсад будани расмиёти истифодашаванда таъмин гардад.

Муносибат нисбат ба аудит – яке аз усулҳои мушаххаси гузарондани аудит мебошад, ки мувофиқи он ҷамъоварии маълумоту далелҳои воқеӣ ба роҳ монда мешавад.

Чӣ тавре ки қаблан қайд карда шуд, дар ҷараёни аудит чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:

- таҳлили усулҳои ташкили кори объектҳои таҳти аудит қарордошта;
- таҳлили натиҷаҳои кори объектҳои таҳти аудит қарордошта;
- таҳлили ҳолатҳои мушаххас;
- таҳлили маълумоти мавҷуда;
- тадқиқот.

Далелҳои аудиториро аз манбаъҳои гуногун бо истифодаи усулҳои мухталиф ба даст овардан мумкин аст. Тадқиқоти аз ҷониби олимон, гурӯҳҳои манфиатдор ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ анҷомдодашуда низ манбаи далелҳо шуда метавонанд. Илова ба ин, аудитор метавонад бо роҳи гузарондани машваратҳо бо намояндагони ваколатдори ташкилот, паҳн намудани саволномаҳо дар байни шахсони мансабдори дахлдор, боздидҳо аз шуъбаҳои ташкилот бо мақсади шинос шудан бо ҳуҷҷатҳо, баргузор намудани мусоҳибаҳо бо шахсони мансабдор ё бо роҳи мушоҳидаҳо маълумот ба даст оварад. Баъзан вақт далелҳои муфассалро

бо роҳи кор дар фокус-гурӯҳҳо ба даст овардан мумкин аст ва он барои беҳтар шиносоӣ пайдо намудан бо таҷриба, ақида ва майли намояндагони ташкилоти таҳти аудит қарордошта кумак мерасонад.

Баъзан, агар маҷмӯи масъалаҳои тадқиқшуда хеле калон бошад, мо интихоб намуданро афзал медонем. Интихоби на он қадар калон дар сурати бовари ҳосил намуданамон оид ба он ки ҷавобҳо якхела мебошанд, метавонад кофӣ бошад. Лекин, агар мушкилот баҳсталаб бошад, он ба ҷомеа таъсири назаррас расонда метавонад: ё агар маълумоти муқаррарнамудаамон барои худи мо ғайричашмдошт бошад, далелҳои нисбатан боэътимодро пешниҳод намудан лозим аст. Баъзан усулҳоеро, ки истифодаи онҳоро аз оғози кор ба нақша гирифта будем, бори дигар санҷидан лозим аст, чунки боварӣ ҳосил кунем, ки корбурди онҳо дар амал қобили қабул аст.

Мутобиқи талаботи стандарти кории ИНТОСАИ марҳилаи банақшагирӣ муайян намудани буҷет бо тартиб додани нақша-ҷадвали аудитҳо, инчунин муайян намудани талабот нисбат ба ҳайати гурӯҳи аудиторонро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, дар нақшаи аудит бояд шумораи кормандони дар аудит иштироккунанда, намудҳои тахассусияти онҳо ва мувофиқат намудани чунин тахассусият аз ҷиҳати аудити пешниҳодшаванда, инчунин дар кадом асос ин кормандон ба гузарондани аудит ҷалб мешаванд, қайд карда шаванд. Кормандоне, ки ба мо лозиманд, бояд дорои сатҳи дониши дахлдор ва малакаҳо оид ба мавзӯи интихобгардида бошанд. Дар нақша бояд ҳаҷми гурӯҳи аудиторон низ нишон дода шавад. Мо метавонем шумораи бештари кормандонро пешбинӣ намоем, то ин ки корро ҳам дар маҳал ва ҳам дар худи ташкилоти таҳти аудит қарордошта иҷро намудан мумкин бошад. Ғайр аз он, агар барои гузарондани аудит дониши махсус лозим бошад ва чунин донишро аъзои гурӯҳи аудиторон надошта бошанд, ҷалб намудани мушовиронро пешбинӣ намудан мумкин аст. Агар марҳила ё вазифаҳои алоҳидаи аудит шумораи бештари одамонро талаб кунад, мо бояд дар нақшаи аудит иконияти ба кор ҷалб намудани кормандони дигари мақоми олии аудитро, ки мутахассисони аудити самаранокӣ мебошанд, пешбинӣ намоем. Дар нақша бояд намуди тахассусияти барои гузарондани аудит зарурӣ, номи кормандони масъули аудит ва сабабҳои шарҳдиҳандаи интихоби ҳайати комиссияи кошиносон, агар чунин коршиносон аллакай муайян шуда бошанд, қайд карда шаванд. Захираҳои молиявие, ки ба хароҷоти номиналии пардохти музди меҳнати аудиторон ва коршиносон, хароҷоти шабонарӯзӣ ва нақлиёт, сабти видеоӣ ва аудиоӣ ва ғайра мансубанд, инчунин бояд дар нақша инъикос ёбанд. Ҳисоби

хароҷот оид ба гузарондани аудит ва ворид намудани он ба нақша зарур аст, то ин ки ба роҳбаритяи Палатаи ҳисоб фаҳмонда шавад, ки гузарондани аудит мувофиқи мақсад аст ва таъсири аудит, яъне самараи чашмдошт дар шакли сарфа намудани маблағи давлатӣ ҷуброн карда мешавад. Агар хароҷоти гузарондани аудит аз самараи чашмдошти гузарондани он бештар бошанд, раиси Палатаи ҳисоб метавонад ин ҳолатро барои рад намудани гузарондани аудит асоси кофӣ шуморад.

Дар нақшаи аудит бояд ҷадвали воқеии гузарондани ҳама марҳилаҳои аудит бо назардошти тамоми маҳдудиятҳо ё хавфҳои эҳтимолӣ нишон дода шавад. Агар мо ният дошта бошем, ки аудит «то манзил расад», дар ҷадвал муҳлати ба итмом расондани супоришҳои алоҳида бояд муайян карда шаванд, аз ҷумла:

- анҷомдиҳии аудит, инчунин:

1. оғоз ва анҷоми ҷамъоварии маълумот;

2. оғоз ва анҷоми кор оид ба таҳлили далелҳо.

- пешниҳод намудани варианти аввали ҳисобот.

- оғоз ва анҷоми ҷараёни ҷонибдории ҳисобот дар дохили Палатаи ҳисоб ва тарафҳои беруна.

- санаи нашр намудани (ба таври расмӣ пешниҳод намудани) ҳисобот.

Азбаски ҳар як аудит бо хавфҳои гуногун дучор шуда метавонад, ёдрас намудани онҳо дар ҳисоботи банақшагирии аудит бо мақсади фароҳам овардани имконияти пешгирӣ намудан ё коҳиш додани чунин хавфҳо, инчунин андешидани чораҳои мушаххас ҳангоми ба миён омадани мушкилот аз манфиат холӣ нест. Тартиб додани номгӯи хавфҳои ба таҳлили хавф асосёфта ба мо кумак мерасонад, ки дар ҳисобот чӣ гуна мушкилот ба миён омадан, эҳтимолияти ба миён омадани он, оқибатҳои он то кадом андоза ҷиддӣ мешаванд ва чӣ гуна ин хавфҳоро паси сар кардан мумкин аст, қайд намоем. Масалан, номгӯи хоси хавфҳои эҳтимолӣ дар замимаи 1 пешниҳод шудааст.

*Замимаи 1*

**Феҳристи хавфҳои эҳтимолӣ**

| Хавфҳо | **Эҳтимолият** | **Таъсир** | **Идоракунӣ** | **Шахси масъул** |
|---|---|---|---|---|
| 1. *Барои хулосаи асоснок баровардан маълумот кофӣ нест* | Кам | Зиёд | Пеш аз ҳама бо шуъбаи омори вазорати дахлдор робита барқароор намудан лозим аст ва ба Комиссияи коршиносон супориш додан даркор аст, ки сарчашмаҳои дигари маълумотро муқаррар намояд | Сараудитори барои гузарондани аудит масъул |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| *2. Тағйирот дар қонунгузорӣ метавонанд боиси он гарданд, ки аудити гузарондашуда нолозим бошад.* | Кам | Зиёд | Бо мақсади муқаррар намудани он ки оё эҳтимолияти қабул шудани қонунҳои нав ё ворид намудани тағйирот ба қонунгузории амалкунанда вуҷуд дорад, бо вазорат робита барқарор намудан лозим аст | Сараудитори барои гузарондани аудит масъул |
| *3. Мушовирон кори ба онҳо супоридашударо дар муҳлати муқарраргардида иҷро карда наметавонанд* | Маълум нест | Миёна | Интихоби дақиқи мушовиронро таъмин намуда, бо онҳо дар бораи муҳлати ба анҷом расондани марҳилаҳои муайяни кор аҳду паймони аниқ бастан лозим аст; барои боварӣ ҳосил намудан, ки кори мушовирон сари вақт иҷро мешавад бо онҳо ҳамкорӣ намудан лозим аст; шартҳои дахлдорро ба қарордоди бо мушовирон баимзорасондашуда ворид намудан муҳим аст | Сараудитори барои гузарондани аудит масъул |

Қайд намудан лозим аст, ки хавфҳои барои бомуваффақият гузарондани аудит монеъшаванда дар ҳолатҳои муайян метавонанд афзун гарданд, масалан ҳангоми:

- маротибаи якум истифода шудани усулҳои гузарондани аудит;

- мувофиқат накардани мавзӯи аудит бо сабаби хусусиятҳои он;

- шиддатнок шудани муносибатҳо бо ташкилоти таҳти аудит қарордошта;

- якчанд ташкилотро фаро гирифтани аудит ё барои шумораи зиёди тарафҳои манфиатдор шавқовар будани он;

- ҷадвали гузарондани аудит тавре тағйир дода шуда бошад, ки ҳамон ҳаҷми корро дар муҳлати нисбатан кӯтоҳ иҷро намудан лозим аст.

Омилҳое, ки боиси ба миён омадани хавфи бомуваффақият иҷро нашудани аудит шуда метавонанд, омилҳои беруна буда метавонанд (масалан, фоизи пасти шахсони ба саволномаҳои мо ҷавобгардонда, тағйироти ҷиддӣ дар соҳаи интихоби мавзӯъ, тағйирдиҳии босифати далелҳо, роҳ додан ба хатоҳо ҳангоми таҳлили маълумот ё тартиб додани нақшаи пешакӣ дар натиҷаи саросема шудан, инчунин ҳолатҳои рафънопазир – офатҳои табиӣ ва ғайра). Омилҳо дохилӣ низ буда метавонанд (масалан кӯшиши аз ҳад зиёд сода намудани саволҳои аудит

ё аз ҳад зиёд кам намудани шумораи онҳо, салоҳиятнок набудани гурӯҳи аудиторон, мушкилоти вобаста ба маблағгузории фаъолият оид ба гузарондани аудит ва ғайра).

Бо муайян намудани мақсад, ҳаҷм, меъёру муносибатҳо нисбат ба аудит мо бояд нақшаи пешакии гузарондани аудитро таҳия намоем ва онро барои тасдиқ намудан ба роҳбари Палатаи ҳисоб ё роҳбари идоракунандаи самти фаъолияти мазкур пешнҳод намоем. Барои идома додани кор оид ба аудит зарур аст, ки нақшаи аудит дар шакли ниҳоӣ омода гардад, сипас, онро раиси Палатаи ҳисоб Палатаи ҳисоб ҷонибдорӣ кунад.

Комилан имконпазир аст, ки нақшаи ибтидоии анҷом додани аудит ворид намудани тағйироти инъикоскунандаи таъсиррасонии берунаро талаб менамояд. Аксар вақт бо сабаби ҳолатҳои дар вақти гузарондани аудит рухдода аудитор маҷбур мешавад, ки усули аудит ва нақшаи пешакӣ омодагардидаро тағийр диҳад, бинобар он, ҳангоми гузарондани аудит нақшаи аудит бояд тағйирпазир бошад. Муҳим аст, агар зарурати ворид намудани тағйирот ба нақша, усулҳо ва барномаи аудит ҳангоми гузарондани аудит ҳамчун натиҷаи норасоиҳо дар ҷараёни банақшагирӣ баррасӣ нагарданд. Масалан, хусусияти амиқи маълумоти дар махзани маълумот ё ҳуҷҷатҳо мавҷуда дар марҳилаи банақшагирӣ метавонад маълум набошад. Инчунин ин гуна ҳолат ба имконияти ба даст овардани маълумот низ дахл дошта метавонад. Аз ин рӯ, баъзан вақт дар хусуси он ки аз санҷидани баъзе ҳуҷҷатҳо даст кашидан лозим аст, ба ҷойи он хулосаи фосилавӣ оид ба вазъяти ғайриқаноатбахши ҳуҷҷатҳо хулоса баровардан, қарор қабул намудан лозим аст.

Ҳангоми гузарондани аудит аудитор диққати худро ба он шакли фаъолият оид ба аудит равона месозад, ки бо мақсадҳои пешакӣ муқarrаргардидаи аудит алоқаманд мебошад. Баъзан вақт чунин ҳолатҳо боиси васеъ намудани миқёси гузарондани аудит шуда метавонанд, то ин ки ба истифодабарандаи ҳисобот ҳисоботи нисбатан пурмазмн пешниҳод карда шавад.

Илова ба ин, мақоми олии аудит ҳангоми зарурат, нақшаи аудитро метавонад аз сари нав баррасӣ намояд.

*Замимаи 2*

**Нақшаи кори оид ба гузарондани аудити самаранокӣ**

__________________________________________________

(мавзӯи аудит қайд карда шавад)

| | **Объектҳои аудит** | **Саволҳои аудит** | **Усулҳои ҷамъоварии маълу-** | **Сарчашма-ҳои маълу-мот** | **Мухла-ти аудит** | **Иҷрокунандагон** |
|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | **мот ва далелҳо** | | | |
| . | А………….. | **1………..**<br>**2………..** | **•…………**<br>**•…………**<br>**•…………** | **•……………**<br>**•………..**<br>**•…………..** | июн | **Каримов С.** |
| . | Б………….. | **1………..**<br>**2………..**<br>**3………..** | **•…………**<br>**•…………**<br>**•…………** | **•……………**<br>**•……………**<br>**•……………** | август | **Қурбониён К.**<br>**Саидов Н.И.**<br>**Расулзод У.Т.** |
| ва г. | | | **•** | **•** | | |

1. Иҷрокунандагон хуҷҷатҳои ҷамъбастиро оид ба натиҷаи аудит то «_01_»октябри соли 2020 пешниҳод менамоянд.
2. Муҳлати омода намудани ҳисобот оид ба натиҷаи аудит то «_10_» октябри соли 2020

Роҳбари аудит

_______________ __________ ____________

(сана) (имзо) (ному насаб)

## 4. Таҳия намудани барномаи аудит

Таҳия намудани барномаи гузарондани аудит марҳилаи банақшагирии аудити самаранокиро ба итмом мерасонад. Ҳангоми таҳия намудани барнома дар хотир нигоҳ доштан лозим аст, ки ба сифати таҳиясозии он бештар натиҷаҳои на танҳо бевосита худи ҷараёни аудит, балки умуман гузарондани аудити самаранокӣ вобаста мебошад. Барномаи аудит бояд амиқу фаҳмо, мантиқӣ ва ба таври кофӣ тағйирпазир, инчунин аз ҷиҳати таносуби натиҷаҳои имконпазири аудит ва хароҷоти он натиҷанок бошад.

Барномаи аудит метавонад ҳамчун «рӯйхати амалҳо», ки ба пайдарҳамии расмиёт барои ҳар як соҳаи аудит ишора менамояд, таҳия карда шавад.

Ҳангоми тартиб додани барномаи аудит омилҳои зеринро ба назар гирифтан лозим аст:

- тағйир ёфтани миқёси гузарондани аудит. Агар миқёс васеъ гардад, барномаи аудит нисбатан серҳаҷму мураккаб мешавад;

- шумора ва мавқеи ҷойгиршавии объектҳои аудит. Чӣ қадаре, ки шумора ва ҷойгиршавии ҷуғрофии зиёд бошад, барои фарогирии пурраи он (аудит) ҳамон қадар зиёд вақт ва воситаҳо заруранд.

- фазои (муҳити) дохилии ташкилоти таҳти аудит қарордошта, яъне имконияти барқарор намудани робита ва муносибатҳои шарикие, ки ба

ихтисор намудани вақти барои амлисозии расмиёти аудит ҷудошуда имкон медиҳад;

- шумораи ҷузъиёти барнома, ки бояд таҳти аудит қарор дода шавад;

- пуррагии фаро гирифтани саволҳои аудит, инчунин мавҷудияти меъёрҳои хосе, ки бояд таҳти аудит қарор дода шаванд (дар ин сурат шояд зарурати ҷалб намудани коршиносони беруна ба миён ояд).

Уҳдадориҳои роҳбари аудит метавонанд аз омодасозии лоиҳаи барномаи аудити самаранокӣ, нақшаи кор оид ба аудит ва ҳуҷҷатҳои дигар иборат бошанд, ки барои гузарондани аудит зарур мебошанд.

Барои анҷом додани аудит барномаи аудитро омода ва тасдиқ намудан лозим аст, ки он иборат аст аз:

- мақсад ва муҳлати аудит;

- номгӯи саволҳо ва объектҳои муайянкунандаи миқёси аудит;

- меъёрҳои арзёбии самаранокии ҳангоми аудит истифодашаванда, сарчашмаҳои онҳо;

- шарҳи мухтасари усулҳои анҷом додани аудит (ҷамъ овардани маълумоту далелҳои воқеӣ);

- ҷадвали гузарондани аудит;

- номгӯи расмиёти истифодашаванда ва шахсоне, ки ин расмиётро амалӣ мегардонанд;

- муҳлати анҷомдиҳии расмиёти аудиторӣ;

- рӯйхати шахсоне, ки аудитро анҷом медиҳанд, аз ҷумла шахсони барои самтҳои муайяни аудит масъул, инчунин коршиносони мустақили дар асоси шартнома барои аудит ҷалбшаванда бо қайд намудани дониши касбӣ ва ихтисоси онҳо;

- муҳлати пешниҳод намудани ҳисобот оид ба натиҷаи аудит.

Ғайр аз ин, ба барномаи аудит сметаи аниқи хароҷоти молиявӣ (бо қайди арзиши шартнома) ва хароҷоти меҳнатӣ (шумораи ҳар як рӯзи кори як одам) -ро замима намудан мумкин аст, ки барои гузарондани аудити мазкур лозиманд, бо назардошти сарфу харҷи дар давраи омӯзиши пешакии ташкилотҳои таҳти аудит қарордошта амалигардида (шакли тахминии барномаи аудити самаранокӣ дар замимаи 3 пешниҳод мегардад).

*Замимаи 3*

Бо қарори Ҳайати мушовара

________ протоколи №__аз «__»

тасдиқ шудааст

ё

Тасдиқ карда шуд:_____

_________________

(имзо) (ному насаб)
«____» ______с.20___

**Барномаи**
**аудити самаранокӣ**

_______________________________________________________________
(номи аудит)
_______________________________________________________________

1. **Аудит мутобиқи** ________________________________________________
________________________________________________**гузаронда мешавад**

(асос қайд карда шавад: банди нақшаи кори мақоми назорат ва ҳисоб; қарори ҳайати мушовараи мақоми назорат ва ҳисоб (протоколи ҷаласаи ҳайати мушовара аз _______№___ банди ___); қарори мақоми қонунгузор аз _____ № ___; муроҷиати вакилони мақоми қонунгузор аз ____ № ибт._____)

2. **Мақсади аудит:**
- ________________________________________________________________
- ________________________________________________________________

(ҳар як мақсади аудит ифода карда шавад)

3. **Муҳлати аудит** ________________________________________________
________________________________________________________________

(муҳлати аудити фаъолият, иҷрои вазифаҳо, амалисозии барнома ва ғайра қайд карда шавад)

4. **Объектҳои аудит:**
- ________________________________________________________________
- ________________________________________________________________

(номи мақоми аудитшавандаи ҳокимияти давлатӣ, корхона, ташкилот қайд карда шавад)

5. **Тибқи мақсади аудит масъалаҳои зерин мавриди аудит қарор дода мешаванд:**
- ________________________________________________________________

а) ________________________________________________________________
б) ________________________________________________________________

(саволҳои аудит барои ҳар як мақсади аудит алоҳида ифода карда шаванд)

6. **Барои мақсади аудит меъёрҳои зерини арзёбии самаранокӣ истифода мешаванд:**
- ________________________________________________________________

а) ________________________________________________________________
б) ________________________________________________________________

(меъёрҳо барои ҳар як мақсади аудит бо нишон додани сарчашмаҳои онҳо ифода карда шаванд)

7. **Дар ҷараёни аудит усулҳои зерини ҷамъоварии маълумоту далелҳои воқеӣ истифода мешаванд:**
- ________________________________________________________________
- ________________________________________________________________

(шарҳи мухтасари усулҳои гузарондани аудит қайд карда шавад)

8. **Аудит аз _____________ то _____________ гузаронда мешавад ва марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:**

- ____________________________________________________________
- ____________________________________________________________

(вақти кор дар объектҳо, вақти таҳлили маълумоти воқеӣ, омодасозии хулосаю тавсияҳо, ҳисоботи ибтидоию ҷамъбастӣ нишон дода шавад)

**9. Ҳайати гурӯҳи аудиторон:**
Роҳбари **аудит** ______________________________________________
Аъзои гурӯҳ:
________________________________________________________________________________

(насаб ва сарҳарфҳои ном, номи падар ва мансаби нозирони мақоми назорат ва ҳисоб, инчунин мутахассисони дар асоси шартнома ҷалбгардида бо қайди тахассуси касбии онҳо)

**10. Ҳисобот оид ба натиҷаи аудит ба баррасии Ҳайати мушовараи мақоми аудит ва ҳисоб «__» _______ с. пешниҳод карда мешавад**

| | | |
|---|---|---|
| _______________ | __________ | ____________ |
| (шахси мансабдори мақоми назорату ҳисоб) | (ному насаб) | (имзо) |

Мутобиқи стандарти ИНТОСАИ барномаҳои аудит якчанд вазифаҳои муҳимро дар бар мегиранд. Онҳо «хатсайри» кори минбаъдаро таъмин намуда, ҳуҷҷатҳоеро, ки пешакӣ муайян намудан лозим аст, омода менамоянд.

Пас аз он ки аудиторон ва ёварони барномаи аудитро муҳокима ва қабул карданд, онҳо сохтори назорати пурсамар, бақайдгирии хароҷот ва сифати корро таъмин менамоянд.

Аз ин рӯ, барномаҳои аудити тибқи ҳолатҳои мушаххас таҳиягардида ҳалқаи муҳими занҷираи байни банақшагирии аудит ва амалисозии он ба ҳисоб рафта, ба ҳар ду марҳила таъсири мусбат мерасонанд.

Ҳангоми таҳия намудани барномаи аудит меъёрҳоеро, ки гурӯҳи аудиторон истифодаи онҳоро барои арзёбии самараи фаъолияти ташкилоти таҳти аудит қарордошта оид ба истифодаи маблағи давлатӣ ба нақша гирифтаанд, бо роҳбарияти ташкилоти таҳти аудит қарордошта муҳкоима ва мувофиқа намудан лозим аст.

Аён аст, ки агар меъёрҳои арзёбии самаранокӣ бо роҳбарияти ташкилоти таҳти аудит қарордошта то оғози аудит бевосита мувофиқа карда шаванд, дар ин сурат оид ба хулосаю натиҷаҳое, ки аудиторон дар асоси чунин меъёрҳо пас аз анҷоми аудит омода менамоянд, ягон ихтилофот ба миён намеоянд.

Истифодаи барномаҳои аудити стандартӣ ё махсус таҳияшуда имконпазир мебошад. Барномаи стандартии аудит барномае мебошад, ки барои соҳаҳои намунавии аудит таҳия карда шудааст, масалан,

самаранокии хароҷоти давлатӣ, маҳсулнокӣ, аудити дохилӣ, банақшагирии қарзҳои бебозгашт ва ҳаққи узвият, инчунин идоракунии захираҳои инсонӣ. Роҳбари лоиҳа бояд барномаҳои мавҷудаи стандартии аудитро интихоб кунад ё ин ки агар лозим шавад, онҳоро мутобиқ созад. Барномаи махсус таҳиягардида барномае мебошад, ки бо мақсади қонеъ гардондани хусусиятҳои хоси вазифаҳои идоракунии таҳти аудит қароргирифта ё талабот нисбат ба барнома таҳия карда шудааст.

Чӣ тавре ки қайд карда шуд, дар нақшаи аудит гурӯҳи аудиторон бояд мақсад, миқёс, меъёрҳои аудит ва муносибат нисбат ба онро муайян намуда, маълумоти аз ҳама ҷиддӣ ва расмиёти асосии анҷом додани аудит, хавфҳои эҳтимолӣ, гирандагони асосии ҳисобот оид ба натиҷаи аудитро таъмин кунанд.

Лекин, дар барномаи аудит чунин маълумоти умумӣ бояд нисбатан муфассал таҳия карда шуда, барои ҳар як соҳа ё бандҳои аудит ба ҷузъҳои алоҳида ҷудо карда шавад. Мушаххасгардонӣ дар барномаи аудит барои ноил гардидан ба мақсади нақшаи аудит кумак мерасонад. Барномаи аудит бояд арзёбии тахминии вақти (як соати кори як кас) ҳайатро, ки барои амалисозии марҳилаҳои гуногуни аудит (омӯзиш, шарҳ, ҳисобот ва ғайра) зарур аст, дар бар гирад. Бар замми он, ҷузъиёти муҳим ва санаҳои мақсаднокро барои ҳолатҳои асосӣ ҳангоми қабул намудани қарор нисбат ба далелҳои талабшаванда муқаррар намудан лозим аст, вақте ки марҳилаи омӯзиш паси сар карда мешавад, ҳангоме ки ба объектҳо сафарҳои корӣ ташкил мегарданд (агар зарур бошад), вақте ки ҷаласаро бо иштироки роҳбарияти ташкилот гузарондан лозим аст ва дар сурате ки лоиҳаи якуми ҳисоботро мунтазир шудан мумкин аст ва дар мавриде ки ҳисоботи ниҳоӣ омода карда мешавад. Роҳбарияти Палатаи ҳисоб метавонад иҷрои ҳолатҳои муҳими аудитро таҳти назорат гирад. Дар рафти аудит ва дар сурати андӯхтани таҷрибаи бузург дар ин соҳа аз ҷониби гурӯҳи аудиторон шояд зарур гардад, баъзе дигаргуниҳо ворид карда шаванд, ки онҳо аз ибтидо барои гузарондани аудит муқаррар шуда буданд.

Ҳангоми таҳия намудани барномаи аудит аудитор вақти барои иҷрои ҳар як вазифа зарурро муайян карда, инчунин вақти ба аудитҳои дахлдори иловагӣ лозимро ба назар мегирад. Масалан, ҳангоми пурсиш, ба ғайр аз ҳисоб намудани вақти барои паҳн ва ҷамъ намудани саволномаҳо зарурӣ, инчунин пешбинӣ намудани вақт барои ҷамъоварӣ ва коркарди саволномаҳо, барои аз сари нав фиристодани саволномаҳо ба шахсоне, ки ба онҳо ҷавоб нагардондаанд, зарур аст.

Аудитор ҳамаи он супоришҳоеро, ки танҳо пас аз иҷрои супориши дигар онро иҷро намудан лозим аст, муайян менамояд. Аудитор захираҳоеро, ки минбаъд ба мо лозим мешаванд ва захираҳоеро, ки дар ихтиёрамон дорем, ҳисоб мекунад.

Ҷадвали анҷом додани аудит бояд ба ҷузъҳои зерин ишора кунад:

- сана ва вақти оғоз намудани аудит (аз ҷумла вохӯрии пешакӣ бо роҳбарияти ташкилоти таҳти аудит қарордошта);
- санаи оғоз ва анҷоми амалисозии намудҳои мушаххаси фаъолият оид ба аудит;
- аудитор (аудиторон)-и барои амалисозии фаъолияти дахлдор масъул;
- санаи пешакии вохӯрӣ, ки аз ҷониби намоянда (намояндагон) –и ташкилоти таҳти аудит қарордошта барои муҳокимаи рафти аудит таъин карда шудааст;
- сана/вақти вохӯрии ҷамъбастӣ оид ба натиҷаҳои аудити анҷомдодашуда ва ному мансаби шахсоне, ки бояд дар он иштирок кунанд.

Ҷадвалҳои муқарраргардида бояд риоя шаванд, лекин онҳо дар навбати худ бояд дорои тағйирпазирии сатҳи дахлдор бошанд, то ин ки ба онҳо дар рафти аудит тағйироти дахлдор ворид кардан мумкин бошад.

Таҳиягарони барномаи аудит (мақомоти салоҳиятдор ё роҳбари лоиҳа) метавонанд бо чунин ҳолат дучор шаванд, ки тамоми рӯйдодҳоро пешбинӣ намудан ғайриимкон аст. Дар марҳилаҳои нахустини аудит зарурати нигоҳ доштани тағйирпазирии ҷадвал ва ҳамеша аз нав баррасӣ намудани барномаи аудит ба миён намеояд, то ин ки он беғараз ва муносиб боқӣ монад.

Барномаи аудит бояд то қадри имкон муфассал бошад, то ин ки эҳтимолияти хато ва нофаҳмиҳои эҳтимолӣ аз байн бардошта шаванд. Муҳим аст аудиторон фаромӯш накунанд, ки ҷараёни банақшагирии аудит ҳеҷ гоҳ пеш аз нашри ҳисоботи ниҳоӣ анҷом намеёбад – нақшаю барномаҳои аудит ҳамеша дар ҷараёни аудит дар ҳолати рушдёбӣ ва такмилдиҳӣ қарор доранд.

Ҳангоми таҳия ё ҷонибдорӣ намудани барномаҳои аудит мақомоти салоҳиятдор ва роҳбари лоиҳа ҳамеша бояд хароҷоти барои ҷамъоварии далелҳо сарфшуда ва арзиши онҳоро дар сурати ноил гардидан ба мақсадҳои аудит ба назар гиранд. Барномаи аудит бояд барои ҷонибдорӣ ба роҳбарият пешниҳод карда шавад. Дилхоҳ тағйироти ҷиддӣ, масалан, тағйир додани меъёрҳо, фарогирӣ, усулҳо, санаҳои

банақшагирифташуда, хароҷоти аудит ва ғайра бояд ба таври дахлдор ҷонибдорӣ карда шаванд.

Амали ниҳоӣ дар ҷараёи банақшагирӣ анҷом додан ва ҷонибдорӣ намудани барномаи аудит ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми омодасозии аудите, ки дар он якчанд аудиторони мақоми олии аудит ҷалб шудаанд, барномаи мувофиқашудаи умумии аудит таҳия карда мешавад, ки дар ҷаласаи Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб баррасӣ мегардад (одатан ба таври дастҷамъона) ва аз ҷониби роҳбари Палатаи ҳисоб тасдиқ карда мешавад.

Сараудитори Палатаи ҳисоб ва роҳбари аудит бояд боварӣ ҳосил кунанд, ки гурӯҳи аудиторон мақсади аудит ва нақшаи кориро дарк мекунанд. Сараудитор барои риоя шудани стандарти Палатаи ҳисоб ва нақшаи кории тасдиқшуда аз ҷониби гурӯҳи аудиторон (ба истиснои он ҳолатҳое, ки тағйироти ба он воридгардидаро сардори шуъба тасдиқ намудааст), инчунин ҳуҷҷатгузории кормандон, ки тамоми кори иҷрошударо инъикос менамояд, масъул мебошад. То сатҳи дахлдор муфассал будани ҳуҷҷатҳои корӣ бо мақсади аз ҷониби аудитори пуртаҷриба, ки дар кори ба аудити мазкур вобаста иштирок накардааст, дарк намудани он ки чӣ тавр далелҳои ҷамъовардашуда хулосаҳои баровардаи ҳамкоронашро тақвият медиҳанд, муҳим мебошанд.

**ХУЛОСА**

Омода намудани нақшаи аудит қисми аз ҳама муҳими раванди аудити самаранокӣ мебошад. Инчунин мо мазмуни нақшаи аудити самаранокиро баррасӣ намуда, боварӣ ҳосил кардем, ки нақшаи аудит марҳилаи нахустин ва вазифаи аз ҳама муҳим буда, барои таҳия намудани барномаи аудит, инчунин марҳилаҳои амалисозии аудит зарур аст.

Инчунин дар Дастурамали мазкур чӣ гуна будани таъсири барномаи аудитро ҳамчун ҳалқаи робитаи марҳалаҳои банақшагирӣ, амалисозии аудит ва таркиби мазмуни он пешниҳод намудем.

Ба чунин хулоса омадем, ки барномаи аудит бояд то қадри имкон муфассал бошад.

Барномаҳои аудити самаранокӣ бояд барои ҳар як аудити мушаххас мутобиқ карда шаванд- вобаста ба ҳаҷм ва мураккабии фарогирии аудит, инчунин муҳити аудит, арзиши ба даст овардани далелҳо, ки ҷамъ намудани онҳо бояд бо усули нисбатан сарфанок, маҳсулнок ва самаранок анҷом дода шавад. Давраҳои анҷом додани аудит ва таҳия намудани ҳисобот ба он вобастаанд, ки барномаи аудит то кадом андоза бомуваффақият анҷом дода шудааст.

Барои тақвият бахшидан ба малака дар Дастурамали мазкур монандию фарқиятҳои байни нақшаи аудит ва барномаи аудитро дида мебароем. Фарқи асосии байни нақшаи аудит ва барномаи аудитро агар бо саволҳои «дар ҷараёни аудит чи кор кардан мумкин аст?» (барои муайян намудани нақша) ва «амалҳои банақшагирифташударо чӣ тавр анҷом додан мумкин аст?» (барои муайян намудани барнома) шарҳ диҳем, беҳтар мешавад.

Хусусиятҳои нақша дар он зоҳир мегарданд, ки нақша ҳамчун бунёд ё асоси аудит ба ҳисоб меравад ва расмиёти мушаххаси он бояд дар барномаи аудит тасниф карда шаванд.

Дастурамали мазкурро ҷамъбаст намуда, қайд кардан лозим аст, ки фарқият ва робитаи байни нақшаи аудит ва барномаи аудит чунин мебошанд:

- нақшаи аудит шарҳи интегралии анҷомдиҳии аудитро дар бар мегирад, ҳол он, ки барномаи аудит расмиёти муфассали гузарондани аудитро муайян мекунад;

- нақшаи аудит ҳамчун дастур барои аудити том хизмат мекунад, дар сурате, ки барномаи аудит вазифаҳои онро ба намудҳои муфассали фаъолият ҷудо мекунад ва дастурҳои хоси давраи иҷроро пешниҳод менамояд.

Расмиёти муфассал дар барномаи аудит бояд мантиқан аз қарорҳои муҳими дар нақша қабулнамуда оид ба муносибат нисбат ба аудит бароянд.